# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа

Парвандаи аттестатсионии №______
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11.12.2025, № 6

Барои сазовор донистани Субҳонзода Салоҳиддин Икром ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа.

Диссертатсияи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафаро 28 августи соли 2025 (Протоколи №1) шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд таъсис гардидааст, ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Субҳонзода Салоҳиддин Икром 27 феврали соли 1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Соли 2009 Донишгоҳи давлатии Қурғонтепа (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав)-ро аз руйи ихтисоси муаллими таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Аз соли 2024 то ин ҷониб дар вазифаи мудири кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият карда истодааст.

Соли 2019 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Ташаккули илми таърихи фалсафаи тоҷик дар Тоҷикистони Шуравӣ (солҳои 50-80-и асри XX)» аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, зери роҳбарии доктори илмҳои фалсафа Диноршоева Зарина Мусоевна ҳимоя намудааст.

Мавзуи рисолаи доктории Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 24.12.2022, таҳти №05 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 24 июни соли 2025, таҳти №11 муҳокима гардида, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди ДМТ пешниҳод шудааст.

**Мушовири илмӣ**: **Диноршоева Зарина Мусоевна** – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ибодов Маҳмадулло Орипович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ;

**Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

Дар тақризи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби муқарриз – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Атоев А.М. ва котиби ҷаласа Абдулатипов У.Ҳ. (суратмаҷлиси №5, аз 07.11.2025) имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров номзади илмҳои таърих, дотсент Набизода М.С. тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром бо назардошти навгонии илмӣ, мубрамӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Субҳонзода Салоҳиддин Икром сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мебошад.

Натиҷаю дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 29 номгӯйи таълифоти илмии диссертант ифода ёфтаанд, ки 19-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд. Интишороти довталаб нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**


1. Субҳонзода С.И. Тавсифоти умумии ташаккул ва рушди андешаи таърихӣ ва фалсафӣ дар Тоҷикистони Шуравӣ [Матн] / С.И. Субҳонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017, № 3-7. – С.142-144.
2. Субҳонзода С.И. Накши А.М. Баҳоваддинов дар таҳқиқи таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / С.И. Субҳонзода // Паёми Донишгоҳи миллииТоҷикистон. – 2018, № 7. – С.131-138.
3. Субҳонзода С.И. Саҳми М.Н. Болтаев дар таҳқиқи таълимоти фалсафӣ-мантиқии Ибни Сино [Матн] / С.И. Субҳонзода // Ахбори АМИТ. – 2019, № 1 (254). – С.82-88.
4. Субҳонзода С.И. Сарчашмаҳои таърихии омузиши мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад [Матн] / С.И. Субҳонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2021. №3. – С.131-136
5. Субҳонзода С.И. Категорияҳои «кулл», «ҷузъ» ва «махсус» дар афкори намояндагони фалсафаи классикии немис [Матн] / С.И.

Субҳонзода // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови АМИТ. – 2022. №4С.32-37.

6. Субҳонзода С.И. Баррасии категорияҳои кулл ва муҷаррад дар афкори файласуфони Аврупои давраи Эҳё ва Нав [Матн] / С.И. Субҳонзода С.И.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2022, №11. – С.132-139.

7. Субҳонзода С.И. Ташаккули категорияи кулл, махсус, муҷаррад дар онтологияи Арасту ва таъсири он ба таълимоти ҳастишиносии Ибни Сино [Матн] / Субҳонзода С.И. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2022, №10. – С.74-79.

8. Субҳонзода С.И. Ташаккули категорияҳои умумӣ, махсус, муҷаррад дар афкори файласуфони гузаштаи Аврупо [Матн] / Субҳонзода С.И. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2023, №10. – С.164-177.

9. Субҳонзода С.И. Сохтори тасвири олам ва ҷузъҳои он дар фалсафаи постмодернизм [Матн] / Субҳонзода С.И. //Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови АМИТ. – 2024, №3. – С.208-214.

10. Субҳонзода С.И. Кулл, махсус, муҷаррад ҳамчун ҷузъҳои сохтории тасвири олам дар таълимоти файласуфони муосири Ғарб [Матн] / Субҳонзода С.И. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2024, № 4. – С.117-125.

11. Субҳонзода С.И., Диноршоева З.М.Тасвири шаклҳои ҳастӣ ҳамчун ҷузъи ҷаҳонбинӣ [Матн] / С.И. Субҳонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025, №3. – С.155-161

12. Субҳонзода С.И. Ташаккули категорияҳои кулл, махсус, муҷаррад дар онтологияи Арасту ва таъсири он ба таълимоти ҳастишиносии Ибни Сино [Матн] / Субҳонзода С.И. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2022. №10. – С.74-79.

13. Субҳонзода С.И. Ҷузъи онтологии тасвири олам [Матн] / Субҳонзода С.И. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2023.№9,- С.140-155.

14. Субҳонзода С.И. Ҷузъҳои сохтори тасвири олам дар фалсафаи постмодернизм [Матн] / Субҳонзода С.И. // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. – 2025. №2. – С.83-88

15. Субҳонзода С.И. Роҷеъ ба омӯзиши мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад вобаста ба сохторит тасвири олам [Матн] / Субҳонзода С.И. // Международный научно-практический журнал. – Алмааты, Казахстан, 2023, - С.1147-1150

16.Субҳонзода С.И. Ҷанбаҳои асосии категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад [Матн] / Субҳонзода С.И. //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – 2021, № 3-4. – С.40-44.

17. Субҳонзода С.И. Ҷузъҳои гносеологӣ ва методологии тасвири шаклҳои ҳастӣ [Матн] / Субҳонзода С.И. //Ахбори Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. –2025. №2. -С.172-176.

18. Субҳонзода С.И., Пиров А.К. Ҷойгоҳи мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар тасвири сохтори олам [Матн] / Субҳонзода С.И. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2025.№5,-С.85-89.

19. Субҳонзода С.И., Ҷанбаи онтологии тасвири олам: мақоми категорияҳои ҳастӣ ва ҷавҳар [Матн] / Субҳонзода С.И. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025.№6, – С. 83-87.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ – **Амирхон Шоҳусайн Талбонӣ**. Тақриз мусбат буда, дар баробари муваффақиятҳо, қайд карда мешавад, ки агар диссертант усули муқоисавиро васеътар истифода намуда, ақоиди файласуфони давраҳои гуногунро оид ба мақулаҳои кулл, хосс ва муҷаррад таҳлил ва баҳогузорӣ мекард, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам болотар мерафт.

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ – **Раҳимов Муҳсин Ҳусайнович**. Тақриз мусбат буда, новобаста аз дастовардҳои диссертант, дар автореферат якчанд масъалаҳои баҳсталаб норавшан низ вуҷуд доранд: 1. Саҳми файласуфони Шарқ дар ташаккули мафҳумҳои муҷаррад, хосс ва кулл ва ташаккули дарки илмии олам ва ҳаводису равандҳои он баръало ва муфассалтар нишон дода шавад. 2. Ҳангоми таҳлили ақоиди файласуфон оиди мақулаҳои кулл, хосс ва муҷаррад, хуб мебуд усули муқоисавӣ истифода мешуд, то муайян кардани саҳми онҳо дар таҳаввули тасвири илмии олам баръало нишон дода мешуд. Масъалаҳои баҳсталаб ва пешниҳодҳои зикршуда характери фундаменталӣ надошта, ба моҳияти илмии автореферати диссертатсия таъсир намерасонанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, дотсент, декани факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ – **Зикирзода Ҳобил.** Тақриз мусбат буда, дар баробари муваффақиятҳои зикршуда дар автореферати диссертатсияи Субҳонзода С.И якчанд норасогиҳои ҷузъӣ низ дида мешаванд: 1. Барои пешрафти ояндаи кор пешниҳод мекунем, ки таҳқиқоти намояндагони илмҳои дақиқи муосир, ки дар тасвири илмии олам саҳми арзанда доранд, мавриди омузишу таҳлили диссертант қарор гиранд, то ки дарки фалсафии ин масъала амиқтар гардад. 2. Барои пешрафти ояндаи кор пешниҳод мекунем, ки таҳқиқоти файласуфони тоҷики давраи шуравӣ ва муосир, ки ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи тасвири олам ва шаклҳои он бо истифода аз мақулаҳои фалсафӣ таҳқиқот анҷом додаанд, амиқтар омухта шаванд. 3. Вобаста ба мундариҷа, саволе ба миён меояд, ки маълум аст, ки дар ташаккули тасвири илмии олам

нақши илмҳои табиатшиносӣ зиёд аст, пас илмҳои гуманитариву ҷомеашиносӣ дар ин раванд чи саҳм доранд?

Норасогиҳои ҷузъӣ ва пешниҳодҳо арзиши илмии автореферати диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа дар сатҳи хуб навишта шуда, таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида мебошад.

**Қайд карда мешавад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

консепсияи илмии дарк ва таҳлили сохтории тасвири илмии олам, ки дар он нақши категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчун абзорҳои асосии маърифат ва модели системавии инъикоси воқеият асоснок карда шудааст, **коркард кӯрда шуд;**

усули таҳлили категориявию онтологӣ имкон дод, ки робитаи сохтории байни шаклҳои ҳастӣ ва шаклҳои маърифатро дар ташаккули тасвири олам муайян карда шавад ва ҳамчун методикаи нави таҷрибавӣ, ки қонуниятҳои сифатан нави падидаи таҳқиқшаванда аст, **ошкор карда шуд;**

**пешниҳод шудааст**, ки меъёри мушаххаси тартиби таҳлили муҳтавои категорияҳо, ки доираи татбиқи назарияи тасвири илмии оламро васеъ карда, имкони истифодаи онро дар таҳқиқоти фалсафии дигар низ фароҳам меорад;

зарурияти истифодаи модели категориявӣ ҳамчун асоси методологии таҳқиқоти муосири фалсафӣ ва илмҳои ҷамъиятӣ, ки қонунияти ташаккули тасвири воқеиятро нишон медиҳад, **исбот шудааст;**

мафҳумҳои «тасвири категориявии олам», «сохтори онтологӣ-гносеологии тасвир», «таносуби кулл, махсус ва муҷаррад», инчунин бознигарии илмии шарҳи мафҳумҳои мавҷудаи фалсафӣ **ҷорӣ гардида**, бори аввал категория “фард” ҳамчун “муҷаррад” тарҷума ва пешниҳод мешавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки** ташаккули тасвири илмии олам бевосита бо низоми категорияҳои фалсафӣ вобаста аст, ки кулл, махсус ва муҷаррад асоси мантиқии он ҳисоб мешаванд.

Мавқеи назариявӣ дар бораи сохтори бисершаклии тасвири олам ва робитаи динамикии шаклҳои ҳастӣ бо шаклҳои маърифат **баён шудаанд;**

ғунҷоиши назариявӣ ва функсионалии категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар фаҳмиши робитаи объектӣ-субъектии шинохт **ошкор гардиданд;**

равандҳои таърихии ташаккули тасвири олам, назарияҳои фалсафии Шарқ ва Ғарб, равишҳои муосири онтологӣ ва гносеологӣ дар таҳлили сохтори воқеият **омӯхта шуданд.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи** довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

**муайян карда шуданд, ки** имкониятҳои истифодаи модели пешниҳодшуда дар таҳлили назарияҳои илмӣ, барномаҳои таълими фалсафа ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён муҳим мебошад;

системаи тавсияҳои амалии таҳлилӣ барои омӯзиши категорияҳои фалсафӣ ва татбиқи онҳо дар таҳқиқоти илмӣ ва раванди таълим **офарида шуд;**

**маводи пешниҳодшуда ҳамчун** дастури методӣ дар раванди дарси фалсафа, ки барои такмили тафаккури илмӣ мусоидат мекунад, **муаррифӣ карда шуд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки бо муқоисаи назарияҳои маърифатӣ ва онтологии муосир, инчунин бо таҳлили таҷрибаи таълимии фалсафа дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, тасвири илмии оламро метавон тарғиб намуд;

манбаъҳои муътабари фалсафӣ ва таҳқиқоти муосир, ки дурустии хулосаҳои бадастомадаро тақвият медиҳанд **истифода шудаанд;**

**муайян шудаанд**, ки дараҷаи мувофиқати назариявии модели категориявии тасвири илмии олам бо қонуниятҳо ва принсипҳои асосии таҳқиқоти пешқадам муайян гардад. Ҳамчунин, ин ба таҳлили системавӣ ва муқоисавии натиҷаҳои муаллифӣ бо андешаҳои файласуфони классик ва таҳқиқоти муосир замина фароҳам меорад, ки ҳам ба таҳкими асосҳои назариявӣ ва ҳам ба васеъ кардани имкониятҳои татбиқи амалӣ мусоидат намоянд;

усулҳои таҳлили мантиқӣ, муқоисавӣ, системавӣ-структурӣ ва таърихӣ-фалсафӣ барои таҳкими эътимоднокии натиҷаҳо **истифода шудаанд**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** аз мустақилона гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва мавзуи таҳқиқот, интихоби сарчашмаҳои аслӣ ва таҳқиқоти муосир, матраҳсозии масъалаҳои мубрами тасвири илмии олам, таҳлили муқоисавӣ ва интиқодӣ, инчунин таҳвил ва коркарди иттилооти бадастомада иборат мебошад. Коркард ва асоснок намудани модели категориявии тасвири илмии олам, ки имкон медиҳад равандҳои маърифатиро аз нуқтаи назари системавӣ ва мантиқӣ, омӯхтани таърих ва таҳлили назариявии категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад, аз ҷумла муайян кардани нақши онҳо дар ташаккули тасвири илмии олам, таҳияи методологияи таҳқиқ ва иҷрои мустақили таҳлили фалсафии матнҳои классикӣ ва муосир, ки ба таҳкими асосҳои назариявии масоили баррасишаванда ва андешидани хулосаҳои илмӣ ва пешниҳоди тавсияҳои назариявӣ ва методологӣ, ки барои рушди минбаъдаи тадқиқот ва истифодаи амалӣ аҳамияти назаррас доранд, асоснок шудааст.

Дар маҷлиси 11 декабри соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Субҳонзода Салоҳиддин Икромро ба дараҷаи илмии

доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии шуро овоз доданд: тарафдор – 15, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – 1.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** Саид Н.С.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ**